Мебинам, ки хоби шумо дар ҳафт шаби охир иттифоқ афтодааст, пас ҳар касе дар ҷустуҷӯи шаби қадр аст, боист онро дар ҳафт шаби охир ҷустуҷӯ кунад

Аз Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст: Барои мардоне аз асҳоби Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хоб лайлатул-қадр дар ҳафт шаби охир нишон дода шуд ва Расули Акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Мебинам, ки хоби шумо дар ҳафт шаби охир иттифоқ афтодааст, пас ҳар касе дар ҷустуҷӯи шаби қадр аст, боист онро дар ҳафт шаби охир ҷустуҷӯ кунад."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Мардоне аз асҳоби Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар хоб диданд, ки шаби қадр дар ҳафт шаби охири моҳи Рамазон хоҳад буд. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ман мебинам, ки хобҳои шумо бар он мувофиқат кардаанд, ки (шаби қадр) дар ҳафт шаби охири моҳи Рамазон аст. Пас ҳар касе, ки нияти ёфтани онро дорад ва дар ҷустуҷӯи он талош меварзад, бояд дар ҷустуҷӯ ва талаб кардани он бо афзудани корҳои нек кӯшиш намояд, зеро эҳтимоли бештар дорад, ки он дар ҳафт шаби охир бошад. Он аз шаби бисту чаҳорум оғоз мешавад, агар моҳи Рамазон сӣ рӯз бошад, ва агар моҳ бисту нуҳ рӯз бошад, аз шаби бисту сеюм оғоз мегардад."

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4545

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee